**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, .1/2)**

# ТАҚРИЗ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳамидова Сарвиноз Ҳамрабоевна ба диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Мубрамияти ин таҳқиқот аз раванди дигаргуниҳои амиқ ва фарогири иқтисоди ҷаҳонии муосир бармеояд, ки ҳарчи бештар бо самти рушди инноватсионӣ тавсиф мегардад. Дар чунин шароити иҷтимоию иқтисодӣ сармояи инсонӣ на танҳо ҳамчун унсури анъанавии истеҳсолот, балки ҳамчун дороии стратегӣ баромад мекунад, ки сатҳи рақобатпазирии миллӣ, амнияти иқтисодӣ ва устувории некуаҳволии иҷтимоии кишварро муайян месозад.

Набудани механизмҳои самараноки ташаккул, рушд ва истифодаи мақсадноки сармояи инсонӣ имконияти таъмини рушди устувори иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои пешрафта ва ташаккули маҳсулот ва хизматрасониҳои дороии хусусияти инноватсиониро ба таври ҷиддӣ маҳдуд менамояд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба рушди сармояи инсонӣ ҳамчун омили калидии пешрафти иқтисодӣ аҳаммияти хоса касб менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди гузариш ба модели иқтисоди инноватсионӣ, бо маҷмӯи мушкилоти мураккаб ва системавӣ дар соҳаи ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ рӯ ба рӯ мегардад. Аз ҷумла, сатҳи сифати низоми маориф ба талаботи бозори меҳнати муосир

пурра мутобиқат намекунад, равандҳои пиршавии аҳолӣ шиддат мегиранд, ҷараёни муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос идома меёбад ва фаъолнокии инноватсионӣ дар иқтисоди миллӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Ҳалли ин масъалаҳо татбиқи муносибати стратегӣ ва ҳамоҳангшударо тақозо менамояд, ки ба такмили механизмҳои ташаккул, рушди устувор ва истифодаи мақсадноки сармояи инсонӣ равона гардида, заминаи институционалии рушди иқтисоди инноватсиониро тақвият бахшад.

Дар шароити шиддатёбии рақобати ҷаҳонӣ, ки дар он дониш, илм ва навоварӣ ба манбаи асосии рушди устувори иқтисодӣ мубаддал гардидаанд, масъалаи омода намудани кадрҳои баландихтисос, қодир ба таҳия ва татбиқи технологияҳои пешрафта, аҳамияти калидӣ касб менамояд. Дар ин замина, ташаккули механизми самараноки рушди сармояи инсонӣ бояд фаротар аз таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат ва омӯзиши касбии мутобиқ ба талаботи бозор бошад. Чунин механизм зарур аст равандҳои инноватсиониро ҳавасманд намояд, рушди фаъолияти соҳибкориро дастгирӣ кунад ва шароити мусоидро барои худтаҳаққуқёбӣ ва рушди иқтидори эҷодии шахсият фароҳам оварад. Ҳамзамон, он бояд бар асоси принсипҳои ҳамкории институтсионалӣ миёни давлат, бахши хусусӣ ва муассисаҳои таҳсилотӣ бунёд гардида, хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавии иқтисодро ба таври муназзам ба назар гирад.

**Мутобикати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз руи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат,

идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки навгонии илмиро муайян мекунанд ва мавзуи дифоъ мебошанд:

1. Ҷанбаҳои назариявии омузиш, хусусиятҳо ва мазмуни сармояи инсонӣ асоснок карда шудааст, ки имкон медиҳад онро ҳамчун натиҷаи инкишофи сифатӣ ва миқдории захираҳои меҳнатии кишвар таъриф намуда таъсири омилҳои табиӣ, минтақавӣ (ҷуғрофӣ), таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар раванди ташаккулёбии он бо таваҷҷуҳ ба сиёсати ҳадафмандонаи давлат дар ин раванд баҳогузорӣ намоем, ки дараҷаи рушди сармояи инсонии миллӣ ва мувофиқати он ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсиониро инъикос менамояд;

2. Таърифи муаллиф оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи калидии унсури таркибии он - тавонмандии инноватсионӣ - пешниҳод гардидааст, ки аз дигар унсурҳои таркибии он (маълумот, саломатӣ, ахлоқ, сахткушӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳаракатпазирӣ ва ғ.)

таъсирпазир мебошад ва ба зарурати сармоягузориҳои ҳадафманд ҷиҳати бештар намудани ин таъсир таъкид мекунад;

3. Асосҳои методии ташаккули муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ пешниҳод шудааст, ки нақши давлатро ҳамчун пайвандгари байни иштирокчиёни равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ростои омода намудани кадрҳои соҳибтахассус ва эҷоди системаи ҳавасмандгардонӣ барои таъмини фаъолияти босамари инноватсионии ҳомилини сармояи инсонӣ ифода мекунад;

4. Омилҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар муҳити институтситсионалии рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ ва танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти "фирори мағзҳо" дастабандӣ шудаанд, ки сабаб ва натиҷаи татбиқи сиёсати рушди иқтисодиёти навоваронаро дар ҷумҳурӣ бо назардошти муаммоҳо ва мавонеъи мавҷуд дар ин самт, шарҳ медиҳанд. Дар робита ба ин тамоюли омода намудани кадрҳо бидуни ба назар гирифтани талаботҳои воқеии бозори меҳнат ва наандешидани чораҳои муассир ҷиҳати боздоштани "фирори мағзҳо" ба сифати омили муҳимми боздорандаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар таъриф шудааст;

5. Самтҳои рушди сармояи инсонӣ дар заминаи беҳтар намудани ҳамкории давлат ва системаи маориф бо таваҷҷуҳ ба такмили низоми алоқамандии таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат ҷиҳати дар амал татбиқ намудани моделҳои омузишии тақвияти тафаккури инноватсионии муҳассилин муайян карда шуданд. Дар ин замина амсилаи муҳосибаи омилҳои муассир ба арзиши сармояи инсонӣ дар сатҳи ширкатҳои ватанӣ кор карда баромада шудааст, ки ба назар гирифтани натоиҷи он ҷиҳати

таъмини рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат мусоидат менамояд;

6. Системаи чорабиниҳои мансуб ба танзими давлатӣ, ки ба истифодаи самараноки сиёсати танзими муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиши раванди "фирори мағзҳо", истифодаи бештар аз самараи синергетикии "гардиши мағзҳо" ва таъмини ҳавасмандии кадрҳои соҳибтахассус ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди кишвар пешниҳод карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**. Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд:

1. Ҷамъбандии мафҳуми сармояи инсонӣ аз дидгоҳи нав, ки аҳамияти унсури тавонмандии инноватсиониро дар таркиби унсурҳои дигари сармояи инсонӣ баровардашуда аз сиёсати ҳадафмандонаи сармоягузории давлатии ташаккули муҳити инноватсионии бозтавлид ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, таъриф менамояд;

2. Модели мафҳумии муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ, ки алоқамандии ниҳодҳои мухталифи ташаккули сармояи инсониро дар заминаи таҳаввулоти сифатии як муҳит аз муҳити дигар ва ботадриҷ сифатан рушд намудани сармояи инсонии миллӣ ифода мекунад;

3. Модели риёзии таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон, ки таъсири калидии омилҳои сохториро дар низоми ниҳодҳои баррасишавандаи ташаккули сармояи инсонӣ собит менамояд;

4. Муҳосибаи арзиши сармояи инсонӣ дар ширкатҳо, ки нақши рушди мутавозини бозори меҳнат ва низоми таҳсилоти олиро дар раванди арзишафзоии сармояи инсонии ширкатҳо нишон медиҳад;

5. Маҷмуи тавсияҳо ҷиҳати танзими оқилонаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва коҳиши раванди "фирори мағзҳо", ки ҷиҳати таваҷҷуҳи бештар намудан ба густариши ҷараёни "гардиши мағзҳо" ва дар заминаи он мусоидат намудан ба рушди равандҳои инноватсионӣ дар кишвар, таъкид менамояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар ин рисола пешниҳодшуда ба татбиқи равиши фарогир ва муназзами илмӣ дар таҳқиқи масъалаҳои такмили механизмҳои рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккул ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ асос меёбад. Дар ҷараёни таҳлил доираи васеи манбаъҳои илмӣ ва иттилоотӣ истифода гардидаанд, аз ҷумла корҳои бунёдӣ ва амалӣ-таҳқиқотии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои иқтисоди меҳнат, идоракунии захираҳои инсонӣ ва идоракунии инноватсия, ҳамчунин маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва гузоришҳои таҳлилии мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ.

Маҷмӯи усулҳои тадқиқотии дар рисола истифодашуда, аз қабили таҳлили системавӣ, моделсозии иқтисодӣ-математикӣ, таҳлили оморӣ, арзёбиҳои коршиносӣ, таҳлили муқоисавӣ ва синтез, имконият фароҳам овард, ки масъалаи мавриди омӯзиш ба таври ҳамаҷониба баррасӣ гардида, омилҳои калидие, ки ба рушди сармояи инсонӣ дар шароити тағйироти инноватсионӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шуд. Хулосаҳои ҳосилшуда бо маълумоти эмпирикӣ, ки бо истифода аз усулҳои сифатӣ ва миқдорӣ ҷамъоварӣ шудаанд, тасдиқ гардида, эътиборнокӣ ва аҳамияти амалии онҳоро тақвият мебахшанд.

Таҳлили амиқ ва санҷиши дақиқи иттилооти манбаъӣ, истифодаи усулҳои муосири коркарди маълумот ва муқоисаи натиҷаҳои бадастомада

бо таҳқиқоти илмии мавҷуда сатҳи баланди эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшударо таъмин менамояд. Тадбирҳои пешниҳодгардида ба такмили механизмҳои рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии он ва фароҳам овардани заминаи рушди устувор ва инноватсионии иқтисодӣ равона шудаанд.

Маҷмӯи далелҳо ва натиҷаҳои дар рисола пешниҳодшуда, ки бар пояи таҳлили муназзами илмӣ ва тасдиқи эмпирикӣ асос ёфтаанд, сатҳи баланди эътимоднокӣ ва имконияти татбиқи амалии хулосаҳо ва тавсияҳоро таъмин намуда, саҳми назаррасро дар такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисоди инноватсионӣ таъмин менамоянд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин диссертатсия, ки ба такмили механизмҳои рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди инноватсионии рушдёбанда равона гардидааст, хусусияти бисёрҷанба дошта, аз ҳудуди муҳокимаҳои маҳдуди назариявӣ ба таври назаррас фаротар мераванд. Пеш аз ҳама, аҳамияти илмии таҳқиқот дар анҷом додани таҳлили амиқ ва муназзами маҷмӯи омилҳое ифода меёбад, ки ба ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар раванди модернизатсияи инноватсионии иқтисод таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

Муайян намудани робитаҳо ва вобастагиҳои мутақобила байни ҳаҷм ва самаранокии сармоягузорӣ ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, рушди салоҳиятҳои касбӣ ва фаъолиятҳои инноватсионии корхонаҳо имконият медиҳад, ки нақши сармояи инсонӣ ҳамчун омили калидии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ аз диди нав арзёбӣ гардад.

Моделҳои назариявӣ ва чаҳорчӯбаи консептуалии дар рисола пешниҳодшуда, ки бо хусусиятҳо ва талаботи иқтисоди инноватсионӣ мутобиқ гардонида шудаанд, метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ барои гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар самти рушди сармояи инсонӣ хизмат намуда, ба густариши донишҳои назариявӣ ва амалии ин соҳа мусоидат намоянд.

Тавсияҳои вобаста ба татбиқи натиҷаҳои ин тадқиқот доираи васеи субъектҳои манфиатдорро дар бар мегиранд ва дорои аҳамияти амалӣ мебошанд. Мақомоти давлатии идоракунӣ метавонанд хулосаҳо ва пешниҳодҳои рисоларо ҳангоми таҳия, такмил ва мутобиқсозии барномаҳо ва стратегияҳои рушди сармояи инсонӣ, инчунин ҷиҳати такмили заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва механизмҳои танзимкунандаи ин соҳа мавриди истифода қарор диҳанд. Субъектҳои соҳибкорӣ ва корхонаҳо имконият доранд натиҷаҳои тадқиқотро барои ташаккул ва амалисозии барномаҳои рушди захираҳои кадрии худ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи неруи корӣ ва тақвияти рақобатпазирии фаъолияти иқтисодӣ ба кор баранд. Муассисаҳои таҳсилотӣ, дар навбати худ, метавонанд дастовардҳои илмии пешниҳодшударо барои такмили мундариҷа ва сохтори барномаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири омӯзиш ва омода намудани мутахассисоне, ки ба талаботи иқтисоди инноватсионӣ ҷавобгӯ мебошанд, самаранок истифода намоянд.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмиро ҳангоми коркард ва татбиқи стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, танзими рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат, танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли он метавон истифода бурд. Натиҷаҳои тадқиқотро инчунин ҳангоми хондани курсҳои «Назарияи сармояи инсонӣ», «Иқтисоди меҳнат» ва

«Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», "Иқтисодиёти навоварона" истифода бурдан мумкин аст.

## 9. Эрод ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия

1. Дар диссертатсия консепсияи сармояи инсонӣ васеъ шарҳ дода шудааст, вале дар баъзе мавридҳо сарҳади байни мафҳумҳои "сармояи инсонӣ", "захираҳои инсонӣ" ва "потенсиали инсонӣ" ба таври возеҳ нишон дода нашудааст. Агар муаллиф ин мафҳумҳоро дар муқоиса бо якдигар таҳлил намуда, нишондодҳои фарқкунандаи онҳоро аниқ менамуд ба мақсад мувофиқ мебуд.

2. Гарчанде ки асосҳои назариявии таҳқиқ хуб инъикос ёфтаанд, аммо дар қисми муқоисавии он истифодаи бештари мактабҳои иқтисодии классикӣ ва неоклассикӣ, инчунин таҳлилҳои муосир оид ба иқтисоди дониш ва сармояи инсонӣ (масалан, назарияҳои Беккер, Шултс, Ромер) мувофиқ мебуд. Ин метавонист заминаи илмии тадқиқотро пурратар ва муосиртар гардонад.

3. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки сармояи инсонӣ омили асосии рушди устувор аст, аммо робитаи назариявии байни нишондиҳандаҳои сармояи инсонӣ ва натиҷаҳои иқтисодию иҷтимоӣ (масалан, ММД, сатҳи шуғл, сатҳи фақр) ба таври эмпирикӣ пурра нишон дода нашудааст. Барои мустаҳкам намудани далелҳо ворид кардани таҳлилҳои оморӣ ё моделҳои коррелятсионӣ мувофиқ мебуд.

4. Мавзӯи муҳити ниҳодии рушди сармояи инсонӣ ҷолиб ва навоварона ироа шудааст. Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия механизмҳои амиқи таъсири ислоҳоти ниҳодӣ ба самаранокии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ кам рушд дода шудаанд.

5. Бо вуҷуди пешниҳод шудани самтҳои умумии сиёсати давлатӣ, таҳияи механизмҳои мушаххаси татбиқ (барномаҳо, моделҳои молиявӣ, нишондиҳандаҳои самаранокӣ) метавонист арзиши амалии рисоларо боз ҳам баланд бардорад.

6. Дар рисола тамоюлҳои ҷаҳонии рушди таҳсилоти олӣ ва сармояи инсонӣ зикр мегарданд, аммо таҳлили муқоисавӣ бо кишварҳои дорои сатҳи рушди шабеҳ (масалан, кишварҳои Осиёи Марказӣ ё ИДМ) ба таври маҳдуд анҷом дода шудааст.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва аҳамияти илмӣ ва амалии кори анҷомшударо коста намегардонанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯи маводи диссертатсия 12 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст, ки ба мазмун ва муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Мазмун ва мӯҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ, инчунин хулоса ва пешниҳодҳо дар автореферат ба таври пурра бо забони илмии тоҷикӣ инъикос ёфта, дар сатҳи зарурии илмию методӣ иҷро гардидаанд. Автореферат, ки аз кори диссертатсионӣ бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) мутобиқ буда, ҷавобгӯ мебошад.

**Хулосаи умумӣ.** Умуман, рисолаи илмӣ дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ анҷом дода шудааст, он кори анҷомёфтаи илмӣ ва тахассусӣ мебошад. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити

ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31,33,35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ**
**дотсенти кафедраи кори бонкии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"** **Хамидова С.Х**

**Имзои д.и.и., дотсент Хамидова С.Х.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров** **Сайдуллозода З.С.**

Суроға 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс:(83422) 6 75 18; Тел: (+992) 92 701 97 55 E-mail: istambonu@mail.ru